# Соли наватон муборак, ҳамватанони азиз!


Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجيک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

28 декабри соли 2002. Шанбе № 101 (12843)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 15.30 имзо гардид.


**Соли Нав акнун**
**чу марди паҳлавон,**
**Омаду бар каф**
**гирифт чархи замон!**



*Духтари Бобои Барфӣ арча оро медиҳад,*
*Сурати сарсабзие гӯё ба дунё медиҳад.*

## Ҳамқадами замон бояд шуд

Муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурият чуқур реша медавонанд, сершаклии моликият воқеият мегардад, дар бобати бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ қадамҳои устуворона мегузорем ва волоият доштани қонун усулияти асосии давру замон қарор дода шудааст. Дар чунин давру замон воситаҳои ахбори оммавӣ бояд нақши «ҳокимияти чаҳорум»-ро ҳаматарафа иҷро кунанд, мардумро аз тамоми навгониҳои ҷумҳурияту ҷаҳон сари вақт ва хушсифат огоҳ созанд. Вале ин масъалаҳои умдаи имрӯза ба як канор монда, бештар ба мавзӯи кишоварзӣ диққату эътибор додан, рафти нақшаҳои пахтасупориро дар хоҷагиҳои ширкативу фермерӣ дар саҳифаҳои худ инъикос кардани рӯзномаҳои ноҳиявии вилояти Бухоро оё маънии аз усули кӯҳна, тафаккури кӯҳна даст накашиданро надорад? Оё ҳамаи ин ба рафти маъракаи обуна ва дилхунук шудани муштариён оварда намерасонад?

Дар ин бора сухан дар маҷлиси муштараки Кумитаҳои Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот, муассисоти демократӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон рафт, ки ба қарибӣ дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал омада, таҳти сарпарастии раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот Ўткур Ҳошимов гузашт. Иштирокдорони он рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ» ва дигар қонунҳоро дар вилояти Бухоро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар ин бора иттилооти ҷонишини ҳокими вилояти Бухоро М.Бӯронов, сарвари раёсати матбуот ва иттилоот Шавкат Иноятов, сармуҳаррири рӯзномаҳои «Бухоронома» ва «Бухарский вестник» Ҷаҳонгир Исмоилов шунида шуд.

Маърӯзачиён зикр намуданд, ки ҳокимияти вилоят ва ҳокимиятҳои шаҳру ноҳияҳо барои пурраву сари вақт иҷро гардидани нуктаҳои қонунҳои номбаргардида пайваста ғамхорӣ мекунанд. Диққату эътибор ба мустаҳкам кардани заминаи моддиву техникии воситаҳои ахбори оммавӣ, беҳдошти вазъи молиявии онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии иттилоотӣ, босифат ба ҷо овардани иҷрои матбаавии нашрҳо пурзӯр гардидааст. Аз ҳамин сабаб алҳол дар вилоят 34 рӯзнома, 3 маҷалла рӯи чопро мебинад. Аз онҳо 14 нашрия аз они мақомоти сернамояндаи ҳокимияти маҳаллӣ, 16-тоаш соҳавӣ ва 4-тоаш хусусӣ мебошанд. Нусхаи якдафъаинаи нашри онҳо ба 92 ҳазор баробар буда, ба забонҳои ўзбекӣ, русӣ ва тоҷикӣ ба муштариён расонда мешаванд. Дар ин нашрияҳо доир ба соли эъзози куҳансолон, Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, тарбияи авлоди солим ва дигар мавзӯъҳо силсилаи мақолаҳо таҳти рукнҳои мухталиф ба чоп мерасанд. Барои озодона бархурдор будан аз иттилоот ба паёмнигорон дар вилоят шароит фароҳам оварда шудааст. Тамоми воситаҳои ахбори оммавии вилоят рукни «Тафтиши паёмнигорӣ»-ро ҷорӣ кардаанд. Рӯзномаҳои «Бухоро муаллими» ва «Истиқлол ғунчалари» нашрияҳои аз ҳама бештар муштарӣ дошта ба ҳисоб мераванд. Дар байни рӯзномаҳои ноҳиявӣ газетаи «Ғиҷдувон ҳаёти» нақши калон мебозад ва аз ин рӯ алҳол ба 4000 нусха рӯи чопро мебинад. Чунки дар ин рӯзномаҳо барои ба ҳаёт баробар қадам партофтан диққату эътибори калон дода мешавад. Усули офсетии чоп барои назаррабо гардиданашон мусоидат намудааст. Байни муассисон ва таҳририяти рӯзномаву маҷаллаҳо шартномаҳо ба имзо расидаанд. Ба мавзӯъҳои умда бештар муроҷиат карда мешавад. Алалхусус ба муроҷиати шаҳрвандон, арзу шикоятҳои онҳо диққату эътибор пурзӯр гардида, обрӯву эътибори онҳоро дар байни муштариён афзун гардондааст.

Вале ин маънои онро надорад, ки дар ин бобат дар воситаҳои ахбори оммавии вилоят ягон муаммову камбудӣ нест. Аз ин рӯ вакилони халқ Й.Ҷӯраев, М.Зайниддинов, Х.Даврон, И.Ғафуров ҳангоми муҳокимаи масъала бештар фикрҳои танқидӣ баён карданд ва барои рӯ ба беҳбудӣ ниҳодани фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ тавсияҳои худро доданд.

Аз он ҷумла зикр ёфт, ки дар воситаҳои ахбори оммавии вилоят мақолаҳои чуқури таҳлилӣ ба назар намерасанд. Оид ба баланд бардоштани шуурнокии ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқии шаҳрвандон,пурзӯр кардани фаъолияти иҷтимоиву сиёсии онҳо, фаҳмонда додани моҳияти санадҳои қонунгузорӣ баромадҳо ба қадри кофӣ нестанд. Яке аз сабаби асосии он нарасидани мутахассисони баландмалака мебошад.

Дар аксари рӯзномаҳои ноҳиявӣ фаъолият дар бобати рушан кардани воқеаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакатамон суст мебошад. Дар баъзе нашрияҳо аз хусуси мавордҳои иҷлосияҳои Олий Маҷлис, қонуну қарорҳои қабулгардида лому лим гуфта намешавад. Саҳифаҳои рӯзномаҳо аксар вақт аз баёнҳои хушку холӣ, ифодаи рӯякии далелҳо, муносибати яктарафа пур карда мешаванд. Мақолаҳои танқидӣ кам рӯи чопро мебинанд. Чоп шаванд ҳам онҳо таҳти назорат гирифта намешаванд ва аз ин рӯ бисёр субектҳои хоҷагидорӣ ба он ҷавоб намегардонанд. Масъалаҳои равшанкунии ҳаёти ҷамъомадҳои шаҳрвандон суст мебошад ва бисёр вақт тадбирҳои онҳо гузаронда дар шакли хабар пахш мегардад ва таҳлил ба назар намерасад. Кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ дар гузарондани сӯҳбату вохӯриҳо оид ба воқеаҳои сиёсиву иқтисодии мамлакат, корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ иштирок намекунанд. Аксар вақт маҷлисҳои ҷамъомадҳои шаҳрвандон аз саҳифаҳои рӯзномаҳо ҷои худро пайдо намекунанд. Аз ин рӯ майлу шавқи ҷамъомадҳои шаҳрвандон нисбати рӯзномаҳои ноҳиявӣ паст асту теъдоди муштариёнашон мунтазам кам мегарданд. Эътибор барои равшан кардани фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ суст мебошад. Аз хусуси мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат, муаммоҳову ҷонибдории онҳо дар рӯзномаҳо мақолаҳоро дарёфтан душвор аст.

Муроҷиати шаҳрвандон ба воситаҳои ахбори оммавӣ ва натиҷаҳои он низ беҳбудиро тақозо дорад. Дар рӯзномаҳои «Вобкент ҳаёти», «Когон ҳаёти» ҳисобу китоби аниқи хату шикояти шаҳрвандон нест ва дар ин бобат кор дуруст ба роҳ монда нашудааст. Аксар вақт муроҷиати шаҳрвандон беҷавоб мемонад. Аксар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ба рушан кардани масъалаҳои кишоварзӣ диққату эътибор медиҳанд. Аз ҳамин сабаб дар саҳифаҳои онҳо бештар ҳисоботҳо дар ин бобат чоп мешаванд. Масъалаҳои иҷтимоӣ ахён-ахён ба назар расида, дар як қатор рӯзномаҳо мавзӯъҳоро оид ба соҳаи маънавиёту маърифат дарёфтан душвор мебошанд.

Корҳои бо радио фаро гирифтани меҳнаткашони вилоят бо ду по мелангад ва он асосан ба нарасидани маблағ вобаста аст. Чунки аз амалияи тавассути сим шунавондани барномаҳои радио даст кашида шудааст. Алҳол барномаҳои радиоро танҳо бо кӯмаки транзиторҳо мешунаванд.

Дар вилоят корҳо оид ба ривоҷу равнақи телевизиони хусусӣ суст мебошад. Аз барномаҳои телевизион бошад, филмҳои бадеӣ ва консертҳо мақоми асосиро ишғол намудаанд. Дар оинномаи баъзе рӯзномаҳо камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

Баъди муҳокимарониҳо қарори муштараки кумитаҳо қабул гардида, дар он ба Оҷонсии ҷумҳурии матбуот ва иттилоот, ҳокимиятҳои вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо амалӣ гардондани як қатор тадбирҳои умда пеш гузошта шуд, ки бешак дар бобати ҳамқадами замону давр гардидани воситаҳои ахбори оммавии вилоят кӯмак мерасонад. Аз он ҷумла, бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии қонунгузории зарурӣ таъмин кардани воситаҳои ахбори оммавӣ, боз ҳам мустаҳкам кардани заминаи моддиву техникии онҳо ва беҳтар кардани рағбатноксозии маънавиву моддии кормандони соҳа, кушодани шабакаҳои телевизиону радиои хусусӣ, зиёд кардани теъдоди нусхаи чопи якдафъаина, амалӣ гардондани тадбирҳо оид ба омӯзиши афкори ҷамъиятӣ аз тарафи воситаҳои ахбори оммавӣ, таҳлил кардану истифодабарӣ аз онҳо тавсия гардиданд.

Ҳамчунин ҳокимияти вилояти Бухоро вазифадор карда шуд, ки оид ба амалӣ гардондани қарори мазкур кумитаҳоро бохабар гардонад.

**Э.НОДИР.**

## Иншооти нав

Дар истгоҳи «Элликқалъа»-и хатти роҳи оҳани Нукус--Учқудуқ майдончаи махсуси борфарорӣ ва молборкунӣ сохта, ба истифода супурда шуд.

—Он ба корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳои фермерии ноҳияи Элликқалъа ва ноҳияи ҳамсояи Берунӣ як қатор қулайиҳоро фароҳам меоварад,—мегӯяд сарвари истгоҳ Ўринбой Утемуродов.—Акнун хоҷат ба он намондааст, ки хароҷоти зиёдатӣ намуда, борҳоро 50—60 километр дуртар ба истгоҳҳои «Қароўзак» ва «Мискин» фиристанд.

Дар айни замон хароҷот барои овардани нуриҳои маъданӣ, маҳсулоти нафтӣ, масолеҳи бинокорӣ ҳам кам мегардад.

**(ЎзА).**

## Иҷлосияи Кенгаши вилояти Қашқадарё

26 декабр дар Қаршӣ иҷлосияи Кенгаши вакилони халқи вилояти Қашқадарё ба амал омада, дар кори он вакилони халқи Олий Маҷлис, ки аз вилояти мазкур интихоб гардидаанд, ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо, сарварони ташкилотҳои вилоятӣ, вазорату идораҳо, ширкатҳо, ассотсиатсияҳо ва консернҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар иҷлосия масъалаи ташкилӣ баррасӣ гардид. Б.Ҳамидов аз вазифаи ҳокими вилоят ба муносибат ба дигар кор гузаштанаш озод карда шуд.

Мувофиқи тавсияи Президент Ислом Каримов ҳокими вилояти Қашқадарё Нуриддин Зайниев тасдиқ гардид, ки то ҳол сарвари раёсати конҳои нафту гази «Муборакнефтегаз» шуда кор мекард.

Дар иҷлосия ҳамчунин дигар масъалаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии вилоят мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар кори иҷлосия мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Т.Худайбергенов, И.Ҷӯрабеков, ҷонишини аввали Нахуствазир К. Тўлаганов ҷонишинони нахуствазир иштирок намуданд.

**(ЎзА).**

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи ҳокими вилояти Қашқадарё таъин кардани Н.Зайниев

Мувофиқи банди 12 моддаи 93 ва моддаи 102 Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

**Зайниев Нуриддин** ҳокими вилояти Қашқадарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**
Шаҳри Тошканд, 26 декабри соли 2002.

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи аз вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё озод кардани Б.С.Ҳамидов

**Ҳамидов Бахтиёр Султонович** аз вазифаи ҳокими вилояти Қашқадарё ба муносибати ба дигар кор гузаштанаш озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**
Шаҳри Тошканд, 26 декабри соли 2002.

*Шарҳи рӯзнома*

## Аз Соли нав чиро мунтазирем?

Соли 2003—Соли маҳаллаи обод дар мекӯбад ва табиист, ки ҳар кас аз он умедҳои калон дорад. Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: соли 2003 барои мардуми Ўзбекистон чӣ гуна сол мегардад, аз он чӣ гуна сабукиҳоро интизор шудан мумкин аст? Барои дарёфти савол ба Буҷаи соли 2003 назар афканем кофист, ки вакилони халқи Олий Маҷлис онро дар иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм тасдиқ намуданд. Зеро буҷа маънои маблағро дорад. Ҳар чӣ қадар маблағ бештар ворид гардад, сатҳи зиндагонии мардум ҳамон қадар баланд мегардад. Яъне иҷрои пурраву барзиёди буҷа омили муҳим дар бобати тараққиёти минбаъда мегардад. Ва иҷро гардидани буҷаи давлатӣ ба бисёр омилҳо, аз он ҷумла пеш бурдани сиёсати оқилонаи андоз ҳам вобастагӣ дорад.Чунки аз нисф зиёди даромади буҷаро андоз ташкил медиҳад.

Мувофиқи Буҷа соли 2003 хеле кам кардани андозҳо дар назар дошта шудааст. Аз он ҷумла, ставкаи андози даромад барои корхонаҳо аз 24 фоиз ба 20 фоиз фуроварда мешавад. Баробари ин кам кардани андоз ба 8 банд барои истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ва тамоман озод кардани ҳаҷми маҳсулоти илова ба нақша тайёргардида ба назар гирифта шудааст. Шаҳрвандони оддӣ ҳам аз кам гардидани ҳаҷми андози даромад манфиат мебинанд. Зеро соли 2003 ба ҳисоби миёна 10 фоизӣ кам кардани андози даромад ба онҳо муқаррар гардидааст. Корхонаҳо дар бобати додани андоз ба Бунёди нафақа ва дигар созмонҳои иҷтимоӣ аз хазинаи музди меҳнат низ аз сабукиҳо баҳравар мегарданд. Аз он ҷумла, аз 40 ба 37,2 фоиз фуровардани ҳаҷми андоз ба ин мақсадҳо дар назар дошта шудааст.

Аз андозҳо ба даст овардани 1 триллиону 367,7 миллиард сӯм дар назар дошта шудааст, ки он ба 59 фоизи ҳаҷми умумии даромади буҷа баробар мебошад. Андози захираҳо ба 9,1 фоизи ҷамъи даромади буҷа мерасад.

Қисми зиёди маблағ ба соҳаи таълим, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, соҳаҳои фарҳангу илм харҷ мегардад. Яъне ба ин соҳаҳо харҷ намудани 953,6 миллиард сӯм дар назар дошта шудааст, ки нисбати соли 2002-ум 221 миллиард сӯм, ё худ 30,2 фоиз зиёд мебошад. Харҷ ба соҳаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ зиёд мегардад ва он тақрибан ба 54,3 фоизи умумии буҷа баробар мегардад. Ба соҳаи таълим харҷ намудани 645,9 миллиард сӯм дар назар дошта шудааст, ки 7 миллиард сӯмаш ба китобҳои дарсӣ, 13,8 миллиард сӯмаш барои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз намудан ва таъмин кардан бо либосу пойафзоли бачагони ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд, воситаҳои таълимӣ барои хонандагони синфи якум, 6 миллиард сӯмаш барои тармими мактабҳо, 7 миллиард сӯмаш барои таъмини мактабҳо бо мебелу компутер, 13,5 миллиард сӯмаш барои асбобу ускуна ва дастурҳои таълимӣ таъмин кардани коллеҷҳои касбу ҳунар харҷ мегардад. Баробари ин ба сохтану ҷиҳозонидани биноҳои коллеҷҳои касбу ҳунар ва литсейҳои академӣ 168,8 миллиард сӯм, барои сохтмони биноИ мактабҳои таълими ҳамагонӣ 9 миллиард сӯм маблағгузорӣ хоҳад шуд.

Ба соҳаи тандурустӣ харҷ намудани 9,2 фоизи хароҷоти буҷа, яъне 228,8 миллиард сӯм ба нақша гирифта шудааст. Ба ҷуз ин ба соҳаи илм, фарҳанг, воситаҳои ахбори оммавӣ ва таъминоти иҷтимоӣ 53,4 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад, ки нисбати соли 2002 зиёд аст.

Мувофиқи барномаи қабулгардидаи ҳукуматӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ соли 2003 ба 200 фоизи ҳаҷми музди ақали меҳнат расондани ҳаҷми кӯмакпулӣ ба модароне, ки бо тарбияи кӯдак то синни дусолагӣ машғуланд, низ пешбинӣ гардидааст. Дар Соли маҳаллаи обод ҷамъомади худидораи шаҳрвандон ҳам бо маблағи зиёд таъмин карда мешавад ва ба ин мақсад 12,8 миллиард сӯм харҷ хоҳад гардид, ки нисбати соли 2002-ум 1,3 баробар зиёд мебошад. Камчинии буҷа нисбати ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила 2 фоиз ба нақша гирифта шудааст, ки ба андозаҳои байналхалқӣ мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, соли 2003 фатҳи қуллаҳои нав ба нақша гирифта шудааст ва иҷрои он пеш аз ҳама ба худи мо вобаста аст. Агар бошуурона фаъолият пеш барем, дар он сурат марра аз они мо мегардад ва соли маҳаллаи обод марҳалаи навбатӣ дар бобати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мегардад.

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

# Дар бораи аз нав ташкил кардани Вазорати меҳиқтисодиёт ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Ба мақсади татбиқи усулҳо ва механизмҳои муносибатҳои бозоргонӣ дар иқтисодиёт, такмил додани сохтори ташкилии мақомоти иқтисодӣ ва оморӣ мувофиқи талабҳои озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият:

1. Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор беэътибор дониста, дар заминаи он Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба омор созмон дода шавад.

2. Ба зиммаи Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон таҳия ва ба рӯи об баровардани стратегияи дарозмӯҳлат ва барномаҳои маҷмӯъгии рушди мамлакат, сиёсати хубфикркардашудаву мутаносиби иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шавад, ки ба ҳаллу фасли вазифаҳои зерин нигаронда шаванд:

таъмини мӯътадилии меҳиқтисодиёт, рушди устувор, мутаносиб ва муназзами иқтисодиёт;

ба вуҷуд овардани иқтисодиёти серҷанба ва арзи амалаш босамар, таъмини нақши ҳалкунандаи амволи хусусӣ, рушди инфрасохтори бозоргонӣ;

амалӣ гардондани сиёсати мувофиқи мақсади сохторӣ, ки ба босамар ва оқилона истифода бурдани захираҳои бои табиӣ ва маъданиву ашёи хом, ба вуҷуд овардани нерӯи истеҳсолӣ ва илмиву техникӣ, рушди нерӯи содирот ва таъмини ҳамгароии васеи иқтисодиёти мамлакат ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ нигаронда шудааст;

ба вуҷуд овардани коргоҳҳои нав, ҳаллу фасли оқилонаи ҷойгир кардани захираҳои меҳнатӣ, пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии нишонидори аҳолӣ, таъмини устуворонаи баланд гаштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ;

таъмини рушди маҷмӯъгии иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат, рушди мақбул ва босамар ҷойгир сохтани қувваҳои истеҳсолӣ дар ҳудудҳои ҷумҳурият.

3. Вазифаҳои асосии Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон инҳо муқаррар карда шаванд:

ташкили таҳияи мақсадҳо ва самтҳои устувори пешрафт ва дигаргуниҳои демократии ҷамъият, амиқан татбиқ намудани стратегияи хубфикркардашудаи минбаъда озодкунӣ ва ислоҳсозии иқтисодиёт, татбиқ намудани усулҳо ва механизмҳои иқтисоди бозоргонии идоракунии иқтисодиёт;

амалӣ гардондани таҳлили низомии маҷмӯъгии нишондиҳандаҳои асосии меҳиқтисодӣ, дараҷаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурият, минтақаҳо, соҳаҳо, омӯзиши тамоюлоти рушди равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, муайян кардани номутаносибии мавҷуда дар иқтисодиёт ва роҳҳои асосноки бартараф сохтани онҳо;

таҳияи сенарияҳои сершаклаи рушди иқтисодиёт, дурнамоиҳо ва барномаҳои кӯтоҳмӯҳлату миёнамӯҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар алоҳидагӣ ба минтақаҳо, соҳаҳо ва секторҳои иқтисодӣ;

ташкили таҳияи мутобиқати муҳимтарини арзишӣ, моддӣ ва меҳнатӣ;

ба вуҷуд овардани механизмҳои таъсирбахше, ки ба ҳам алоқамандии нишондиҳандаҳои асосии меҳиқтисодиётро бо агрегатҳои пуливу вомӣ, самтҳои буҷаи давлатӣ, мувозанати савдои беруна, пардохт ва байни соҳаҳо таъмин месозад;

таҳияи пешгӯиҳо, барномаҳои демографӣ оид ба пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии нишонидори аҳолӣ, моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии одамон, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ;

таҳияи пешгӯиҳои миёнамӯҳлати дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёт, барномаҳои рушд, такмил додан ва азнавҷиҳозонии техникии соҳаҳо, маҳаллигардонии истеҳсолот, татбиқи технологияҳои пешқадами сарфакунандаи захираҳо;

мутобиқсозии корҳо оид ба таҳияи барномаҳои кӯтоҳмуддату миёнамӯҳлати сармоягузорие, ки ба даст овардани мақсадҳои сиёсати сохторӣ, рушди маҷмӯъгии минтақаҳоро таъмин месозанд;

таҳияи таклифҳо оид ба рағбатноксозии рушди нерӯи содирот, мутобиқсозии мувозанати савдои беруна ва пардохт, ба рӯи об баровардани таҳияи пешгӯиҳои содироти молҳо (корҳо, адои хизмат), иштирок дар таҳияи стратегияи ҳамгароии ҷумҳурият ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ.

Ба Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки ба рӯи об баровардани вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро бо роҳи таҳия намудан ва таъмини ба рӯи об баровардани дурнамоҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва мутобиқсозии фаъолияти вазорату идораҳое таъмин созад, ки ба таркиби Маҷмӯи умумииқтисодии Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон шомиланд.

4. Ба зиммаи Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба омор ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шавад:

таҳия ва ба рӯи об баровардани сиёсати ягона дар соҳаи омор, таъмини низоми босамари ташкили омор, ки ба талабҳои замонавӣ ва андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгӯянд;

таҳия ва татбиқ намудани методологияи ягонаи оморӣ, ки асоснок асту ба усулиятҳои асосии иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯст ва низоми нишондиҳандаҳо, ки ба вуҷуд овардани ҳисобу китоби миллӣ ва андозаҳои дахлдори байналхалқии омориро таъмин месозад;

таъмини ошкорият, боэътимодӣ ва мушаххасии нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳисоботӣ, ба рӯи об баровардани тадбирҳо оиди вусъат додани бархурдорӣ, шаффофӣ ва рушодгӯии иттилооти оморӣ;

ба вуҷуд овардани низоми корҳои ташкилии оморие, ки ҳар гуна даҳолатро ба тартиби ҷамъ овардан, аз нав кор кардан ва умум гардондани иттилооти омори соқит месозад;

амалӣ гардондани такмилдиҳӣ ва азнавҷиҳозонии мақомоти омор бо компутерҳои замонавӣ ва низому технологияҳои иттилоотиву коммуниктсионие, ки ошкоро додан ва аз нав кор кардани иттилоотии оморӣ, рушди минбаъдаи низоми иттилоотии омориро таъмин месозад;

ҷорӣ кардани Регистри ягонаи давлатии корхонаҳо ва ташкилотҳо, низоми классификаторҳои иқтисодиву оморӣ.

5. Дар заминаи ташкилотҳои мавҷудаи иқтисодӣ ва оморӣ созмон дода шаванд:

дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон-Вазорати иқтисодиёт ва раёсати омор;

дар вилоятҳои ҷумҳурият ва шаҳри Тошканд—сарраёсатҳои иқтисодиёт ва раёсатҳои омор;

дар шаҳру навоҳии ҷумҳурият-шӯъбаҳои иқтисодиёт ва шӯъбаҳои омор.

6. Муайян карда шавад, ки:

—мақомоти ҳудудии иқтисодӣ ба Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳисоботдиҳанда мебошанд;

—мақомоти ҳудудии омор ба кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба омор ҳисоботдиҳанда мебошанд.

7. Муқаррар карда шавад, ки шахсони мансабдоре, ки дар пешкаш кардани ҳисоботи беэътимоди оморӣ, пинҳон кардани маълумотҳои оморие, ба сунъӣ кам карда нишон додани ҳаҷмҳои маҳсулоти (корҳо, адои хизмати) истеҳсолгардидаву ба фурӯш бароварда оварда мерасонанд, таҳрифи арзёбии мушаххаси фаъолияти корхонаҳо, муовизаи ғайриқонунии маблағҳои пулӣ дар муомилоти ғайрибонкӣ айбдор ҳисобида мешаванд, ба ҷавобгарӣ, аз он ҷумла ҷавобгарии ҷиноӣ мувофиқи қонун кашида мешаванд.

Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба омор, Прокуратураи Генералӣ ва дигар идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноӣ ва Кодекс дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ пешкаш кунанд, ки пурзӯр кардани ҷавобгариро барои пинҳон кардан ва таҳрифи ҳисоботи оморӣ пешбинӣ мекунанд.

8. Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 15 маи соли 1997 рақами УП-1780 «Дар бораи аз нав ташкил додани Кумитаи давлатӣ оид ба пешгӯӣ ва омор ба Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор» беэътибор дониста шавад.

9. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷории Ҷумҳурияти Ўзбекистон пешкаш кунад, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

10. Ба Девони Вазирон супурда шавад, ки қарорҳои дахлдори Ҳукуматро дар бораи ташкили фаъолияти Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба омор қабул кунад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**
Шаҳри Тошканд, 24 декабри соли 2002.

# Фикру кор кардан одати муқаррариамон гардад

## Ё худ андешаҳо дар арафаи Соли Нав

Соли нав дар мекўбад. Баъди се рўз зангўлаҳои соат аз ҳамин хабар медиҳанд, ки мо бо соли 2002—Соли эъзози куҳансолон хайрбод мегўему ба Соли нави 2003—Соли маҳаллаи обод ворид мегардем ва бо ҳамин дар бобати ба рўи об баровардани тадбирҳои Барномаи доманадори «Соли маҳаллаи обод» иқдоми аввал мегузорем ва силсилаи солҳоеро давом медиҳем, ки баҳри манфиати инсон, бахту саодати одамон, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ нигаронда шудаанду қадамҳои аввал дар бобати озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёт, демократиконии он ва ба вуҷуд овардани ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ мебошад.

Дар остонаи Соли нав ҳар сафар истода, беихтиёр касро ҳисси орзуву умедҳои наву нек, наҷиб фаро мегиранд. Ва инро мардуми мо одати хуб мепиндоранд. Чунки дар остонаи Соли нав истода ба солҳои пешина дида дўхта, шукрона мегўем, нақшаҳои нав ба навро мекашем. Ва он низ одати хуб аст. Чунки аз камбудиву хатоҳо сабақ мебардорем, аз паи фатҳ намудани қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ мегардем ва онро ҳам фаромўш намекунем, ки як вақтҳо, аниқтараш дувоздаҳсенздаҳ сол муқаддам ба як оине итоат мекардем: қадри ҳар соли гузаштаро фақат «бо нақшаҳои барзиёд иҷрогардида» қиёс мекардем, рақамҳоро оварда, бо ҳамин дили мардумро хотирҷамъ месохтем. Шукри худост, ки ин анъана барҳам хўрду алҳол танҳо фикру кор кардан ба хотириояндаи дурахшон волоият пайдо намудааст.

Агар ба соли сипаришуда аз маҳаки ченакҳои талаби замони имрўза муносибат карданӣ шавем, дар он сурат кушоду равшан гуфтан лозим меояд, ки соли 2002— соли он қадар ғалабаҳои бузург набуд. Дуруст аст, ки дар роҳи пойдор сохтани сулҳу салоҳи ҷаҳон корҳои шоистаи хайр ба иҷро расонда шуданд. Аз ин ҷиҳат мамлакати мо дар сафи саркардаҳо буд. Сатҳи зиндагонии аҳолӣ то андозае боло рафт ва аз ин рў дархости аввалини мо аз Соли нав ҳамин аст, ки амнияти рўи замин, барқарории сулҳу салоҳро боэътимод таъмин созад, одамизодро аз неъмати бузургтарине, ки сарнавишташ эҳсон кардааст—аз ҳуқуқи зистан маҳрум насозад, дастархонашро фаровон, ризқашро аз ин ҳам зиёда кунад.

Мо дар чунин дақиқаҳо, яъне ворид гардидани Соли нав гўё ҳамаи воқеаҳои пешинро бори дигар аз сар мегузаронем ва ба оянда чашми умед мекушоем. Аз ин рў ҳар касе, ки худро шаҳрванд дониста, шаҳрвандвор фикр мекунад, хештанро ба Ватан ҳамтақдир меҳисобад. Даврон бароямон ва наздиконамон хоҳ шод бошаду хоҳ ношод, ҳар кас як қисми бори имрўзаи мамлакатро ба дўш мегирад.

Соли сипаришуда аз муаммову душвориҳо орӣ набуд. Ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пуршиддат давом карда, вазъи фурўши молҳои мавриди истеъмоли халқ беҳтар гардида бошад ҳам, аммо баъзе душвориҳо садди роҳамон гардиданду тамоми нақшаҳои пешбинигардида фатҳ нашуданд. Бо вуҷуди ана ҳамин мо ин солро на фақат бо ҳисси норизоӣ, балки ҳамчун соли корҳои бузургу барои ҳамаамон зарур ҳам гусел мекунем. Мамлакат кору зиндагӣ карда, роҳи ислоҳоти куллиро пеш гирифта, ба сўи фатҳи қуллаҳои нав ба нав мебарояд. Мо таи соли гузашта бисёр чизро ёд гирифтем. Лозим омад, ки бисёр чизро таҷдиди назар кунем, имрўз бисёр чизро назар ба соли гузашта ба тарзи нав мулоҳиза намоем. Акнун мо мақсадҳоро ба худ равшантар тасаввур мекунем, ки баҳри он саъю кўшиш менамоем. Ин мақсад сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти озоди адолатноки иҷтимоии шаҳрвандист.

Боз як ҳақиқат. Агар ба рўзгори худ чашм андозем, соли сипаришудаистода ба дараҷае соли бедорӣ ва худшиносӣ буд. Иҷлосияҳои Олий Маҷлис, маҷлисҳои ҳукумат барпо гардида, тараққиёти минбаъда ҷумҳуриятро аз нигоҳи қонунӣ муайян намуд. Сафарҳои сершумори Президенти Ўзбекистон ба мамолики хориҷа ва сафарҳои сарварони мамлакатҳои хориҷа ба мамлакати мо уфуқҳои нави ҳамкориро боз намуд. Аз ҳама муҳимаш одамонамон ба рўшод гуфтани дарди мардум, дарди кишвар одат карданд. Шуури одамон тағйир ёфта, акнун ба фарқи сиёҳу сафед мераванд, аз манфиати шахсӣ боло гузоштани манфиати Ватанро хуб дарк кардаанд.

Аз ҳамин сабаб дастовардҳои калон ба мардуми мо ёр мегарданд, барномаи тадбирҳое, ки ба мақсадҳои муайяне нигаронда шудаанд, ҷомаи амал пўшида, обрўву эътибори мамлакати моро дар арсаи ҷаҳонӣ торафт баланд мебардорад. Онро эътирофи сершумори намояндагони мамолики хориҷа ҳам собит мекунад. Охир, роҳи ба худ хоси тараққиёти Ўзбекистон ҳамчун «шакли тараққиёти ўзбек» эътироф гардиданаш аз бисёр чиз гувоҳӣ медиҳад ва дуруст будани роҳи интихобкардаамонро дастовардҳое, ки дар Соли эъзози куҳансолон ба мардуми мо ёр гардидааст, бори дигар тасдиқ мекунад. Барномаи тадбирҳо бахшида ба ин сол, ки давоми мантиқии солҳои пештара аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа буданд, дар ҳаёт пурра татбиқи амалии худро пайдо карданд. Дар ин бобат мисолҳои зерин ҳам гувоҳӣ медиҳанд: аз он ҷумла ба мақсади ҷонибдории моддии куҳансолон ҳаҷмҳои нафақаҳо адолатнок ва аз нав дида баромада шуда, ҳаҷмҳои он ба 1,3 баробар афзуд. Барои пешкаш кардани имтиёзи иловагӣ ба нафақахўрон танҳо ба Бунёди нафақа қариб 40 миллиард сўм маблағ ҷудо карда шуд. Як қатор тадбирҳо оид ба такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоии куҳансолон, беҳдошти хизматрасонии тиббӣ ба онҳо, хизмати санаториву курортӣ, коммуналиву маишӣ ва нақлиётӣ ба рўи об баровардa шуданд. Қариб ду миллион нафар куҳансолон аз муоинаи диспансерии тиббӣ гузаронда, беш аз 30 ҳазор нафар пиронсол дар санаторияву сиҳҳатгоҳо ройгон табобат гирифтанд. Дар ҳамаи вилоятҳо бахшҳои корхонаи илмиву истеҳсолии «Офияти ортопедӣ» созмон ёфта, корҳо оид ба фарогирии эҳтиёҷмандон бо кўмак доманадор гардида, маълўлони куҳансол бо аробачаҳои махсус, асбобу ускунаи шунавоӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ таъмин гардиданд. Барои куҳансолон санаторияпрофилакторияи «Тахиатош» дар Ҷумҳрияти Қароқалпоқистон, сиҳҳатгоҳи «Косонсой»-и вилояти Намангон, «Хонаи тандурустӣ»-и шаҳри Янгиери вилояти Сирдарё ва ғайра созмон ёфта, ба хизмат пардохтанд. Аз ҳама муҳимаш, куҳансолон-одамони иззатманди ҷамъиятамон аз 1 миллиарду 340 миллион сўм кўмаки моддӣ баҳравар гардиданд, ки аз пешбинигардида хеле зиёд аст. Қариб 900 адад манзили куҳансолон аз ҳисоби давлат тармим гардид. Ба 11 ҳазору 700 нафар куҳансоли якка кўмаки моддӣ расонда, ба онҳо беш аз 3 ҳазор нафар ҳамшираи шафқат хизмат мерасонанд.



Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст. Вале бояд тазаккур дод, ки имсол дар мамлактамон ду ҷашни бузург—2500-солагии Тирмизшаҳр ва 2700-солагии Шаҳрисабз мутантан таҷлил ёфтанд ва ба саросари ҷаҳон бори дигар намоиш доданд, ки решаи мамлакати мо то чӣ андоза чуқур мебошаду решаҳои таърихи мо аз қаъри асрҳои куҳан об мехўрад ва халқи мо ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муносиб гузоштааст,мегузорад ва хоҳад гузошт.

Одатан дар сари дастархони солинавӣ аз муаммоҳо ҳарф задан ҷоиз нест. Агар бигўем, ки соли сипаришудаистода саросар аз камбудиҳо,нохушиҳо иборат буд, ноинсофӣ мебуд. Бояд эътироф кунем: соли 2002 барои аз чанголи хатоҳо халос шудан, раҳоӣ ёфтан аз онҳо боз як санаи ҷустуҷўҳо буд. Зеро дар ҳамаи ҷабҳаҳои рўзгори мамлакатамон низ як силсила корҳои хубе сомон ёфтанд.

Дар назари мо ҷашн гирифтани даҳсолагии Қонуни Асосиамон, таҷлили рўзҳои қабул гардидани Байрақи давлатӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ ва дигар ҷашну тантанаҳо, амалиёти қатъиёна барои бо марза таъмин кардани деҳқонон, авҷ гирифтани ҳаракати фермериву пудрати оилавӣ, ба таври ҷидду ҷаҳди илман асосноки афзун гардондани нархи маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла пахта ва ғайра аз корҳои шоистаи соли сипаришудаистода мебошад. Тамоман дигар шудани шуури одамон, аз он ҷумла ҷавонон яке аз бурдбории соли 2002 мебошад. Вале ҳанўз одамоне кам нестанд, ки аз мафкураи «рукуд» халос нашудаанд, аввало ҳузури ҷони худро фикр мекунанд. То ҳанўз нусхаҳое ҳам вомехўранд, ки сохти куҳнаро пазмонӣ доранд, чархи таърихро бозгардонданӣ мешаванд ва хок хўрдани тирашонро тасаввур ҳам карда наметавонанд.

Мо дар соли 2002 ҳам аз тасаввуроти замони рукуд ва амалияи пештара, «пахта-монополияи давлат, тилло монополияи давлат, пўсти қарокўл-монополияи давлат, оташи зангорӣ-монополияи давлат, ангиштсанг, фулузот, нуқра-монополияи давлат ва ғайра» то андозае халос шудем ва сирри давлатӣ набудани онро фаҳмида гирифтем. Чунки дар ҷамъиятамон раванди ошкорбаёнӣ решаи амиқ мегузорад, ба сўи ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ гомҳои дилпурона мегузорем ва аз халқ ягон чизро пинҳон накарда, сиёсати ошкорбаёниро давом медиҳем ва кушоду равшан мегўем: ҳарчанд дар ҷабҳаҳои хоҷагии халқ комёбиҳои калон ба даст омада бошанд ҳам, аммо душвориҳо ҷой доранд ва онҳоро ба гардани обу ҳаво ва ё дигар ҳолати мушаххас бор кардан ҳам аз рўи инсоф нест. Рўирост бояд гуфт, ки ҳарчанд нақшаи тайёркунии ғалла, пилла, маҳсулоти чорво ва ғайра барзиёд иҷро гардида бошад ҳам, вале фармоиши давлатии тайёркунии пахта иҷро нагардид. Дуруст ба он чанд омил сабабгор аст. Инҷиқиҳои табиатро сабаб нишон додан мумкин аст. Вале сабаби онро танҳо ба гардани обу ҳаво ҳам бор кардан аз рўи инсоф нест. Дар ин бобат лоқайдӣ, беларвоӣ, ба кор фориғболона муносибат кардани баъзе одамон ҳам сабабгор шуданд ва онҳо ҷазои худро гирифтанд, мегиранду дар байни мардум шармсор мегарданд.

Агар натиҷаҳои соли 2002-ро мухтасар ҷамъбаст карданӣ шавем, он соли ҷустуҷўи босуръати роҳҳои андешидани тадбирҳои самарабахши коҳиши шиддатнокии вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат буду дар роҳи сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд иқдоми муҳиме гардид. Аз ҳама муҳимаш, он эътимоди моро ба фардои дурахшон қавӣ гардонд ва тухме кошта шуд, ки он бидуни шубҳа неш мезанад ва он албатта, ба нигоҳубин ва ғамхории доимии ҳар кадомамон зарурат дорад.

Ва онро набояд фаромўш кунем ва донем, ки тақдири худамон дар дасти хеш, меҳнатамон, фикрронимон мебошад.

Дар пеш соли 2003—Соли сеюми садаи XX1, соле истодааст, ки дар мамлакати мо «Соли маҳаллаи обод» эълон гардидааст. Ва он соли умедҳои зиёд ва корҳои амалӣ дар бобати ба рўи об баровардани мақсадҳои пешгузошта мебошад. Аз ин рў, аз Соли нав амалӣ гардондани орзуҳои зиёдеро мепурсем. Саравввал, бояд сулҳу салоҳ ва осоиштагии ҳукмронро идома диҳад, соли фаровонӣ, соли некўаҳволӣ, соли фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ гардад. Тоифаи одамоне, ки танҳо ҳузури ҷони худро мехўранд, ба андозае кам гардида, пешрафти ҷамъият мақсади асосии онҳо гардад, манфиати Ватан аз манфиатҳои шахсиашон боло гузошта шавад.

Ва ниҳоят боз як орзуро аз Соли нав мепурсем. Аз балои лоқайдӣ, беларвоӣ халос кунад. Аз фалсафаи худбинона, ки ба сохти пештара хосу мос буд, яъне «ба ҷои ман бояд дигарон майна об кунанд», «ба ҷои ман бояд дигарон ҷавоб диҳанд» ва ин фалсафа, ки дар вуҷуди баъзе одамонамон чуқур реша давондааст, комилан раҳо ёбем. Рўи амалро дидани нақшаҳои мо, барори сол, роҳи мунавварамон ба худи мо баробар вобаста аст. Ҳама як ҷону як тан бояд ба ФИКР кардан ва КОР кардан одат кунем. Дар он сурат фатҳи қуллаи дилхоҳи душвор ба осонӣ мекўчад...

Соли нави омадаистода муборак шавад, ҳамватанони азиз!

Ба шумоён бахту саодат, сулҳу салоҳ ва беҳбудиро таманно дорем!

**Э.ТУРДИҚУЛОВ,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

# Паёмҳои шодбодӣ

### Ғуломҷон МИРЗОЕВ — Сафири Фавқулъода ва Мухтори Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон



Моилам, бо истифода аз ин фурсати фархунда, ба муносибати фарорасии Соли Нави 2003 ба аҳли қалами идораи рўзномаи «Овози тоҷик» ва ҳаводорони он, ба ҳамаи мардуми кишвари дўсту бародари Ўзбекистон самимонатарин шодбошу табрикоти худро ба пайвасти беҳтарин таманниёти солинавӣ ирсол дорам.

Ба андешаи ман, соли сипаришуда аз ҳар нигоҳ соли накў буд. Соле буд тавъам бо пешрафтҳо ва ҳусни нияту тафоҳумҳо. Авзои ҷаҳону минтақа ва аз ҷумла Тоҷикистону Ўзбекистон бо тағйироту дигаргуниҳои чашмгир рўёрў омад ва пайдост, ки дар қиёс бо солҳои пешин кишварҳоямон дар сиёсату иқтисод ва илму фарҳанг ба пешравиҳои қобили таваҷҷўҳ дастёб шуданд. Равобити миёни ду кишвари дўст — Тоҷикистону Ўзбекистон ба таври назаррас тавсеа пайдо кард ва ҳамзамон барои густариши ҳамкориҳои минбаъда заминагузориҳои хуб низ сурат гирифт.

Хушбахтона, рўзномаи дўстдоштаамон — «Овози тоҷик» низ бо фарогирии мавзўъву мундариҷаҳои нав ба нав ва воқеан ҷолиб рангу оҳанги дигар касб кард ва доираи боз ҳам бештари хонандагонро ба худ ҷалб сохт.

Орзу дорам Соли Нав ба ҳар яки мову Шумо дар кору пайкор ва ҷанбаҳои гуногуни рўзгор беш аз ин пайку дастовардҳои нав ба нав ба бор орад ва аз ҳар ҷиҳат ҷолибу хотирмон гардад. Ба таъбири мардумӣ, «худо то солҳои нави дигар бо шодиву сур моро ба ҳам расонад».

Соли наватон муборак!

### Жак - Андре КОСТӢ — Сафири Фавқулоъда ва Мухтори Фаронса дар Ўзбекистон



Соли Нав фаро расид. Ман, мисли дигар шахсони соҳиби иродаи нек хоҳиши онро дорам, ки муҳити сулҳу сафои саросари ҷаҳон бар кайфияти ҷангу терроризм ғолибояд. Барои мардуми саховатпешаву хушмуомилаи Ўзбекистон инчунин ҳаёти осудаву муназзамро таманно дорам, бигзор барои шукуфонии иқтисоди кишвар заҳмат кашида, аз ҳосили он баҳра бардоранд.

Соли 2003 ман аз кўшишҳои худ дар тамоси бо ашхоси расмии Ўзбекистон танҳо натиҷаҳои мусбиро мунтазирам. Яке аз мақсадҳои соли сипаришуда устувор гардондани муносибатҳои сиёсии тарафайн буд. Ин бо ба сари Ҳукумати Фаронса омадани роҳбари нав дар баҳори соли 2002 муяссар гардид. Метавонам дар ин мавридчанд мисол бигўям. Сафари Котиби давлатии Фаронса оид ба корҳои хориҷӣ ҷаноби Рено Мюзеле, мулоқоти гарм ва муфассали президентон Ж. Ширак ва И. Каримов дар маҷлиси НАТО дар Прага, ташрифи анқариби вазири мудофиаи Фаронса хонум Аллио - Мари аз ҷумлаи ин аст. Муғмаинам, ки ин мулоқотҳои баландпоя дар соли 2003 низ идома хоҳанд ёфт. Бо вуҷуди ин, аз натиҷагириҳои мавҷудаи равобити дутарафа ҳанўз қаноатмандӣ надорам. Робитаи тиҷоратӣ дар ҳоли ҳозир муаллақу озод мебошад. Танҳо як корхонаи муштараки Ўзбекистону Фаронса фаъол мебошад. Ҳеҷ кадом қарордоди лоиҳаи калонҳаҷми фаронсавӣ ба феҳрасти умдатарин сармоягузории мамлакати шумо дохил нагаштааст, ягон қарордоди бузургҳаҷми Фаронса аз соли 1999 инҷониб эътибор пайдо нанамуд. Ҳамин тариқ, дар оянда барои ислоҳи раванд корҳои бисёреро бояд анҷом диҳем. Баръакси ҳол дар ҷиҳати фарҳангу илм ҳамкориҳои мо хеле аълост. Ва ман хусусан аз ифтитоҳи Маркази фарҳанги Фаронса ба номи Виктор Гюго дар пойтаҳти Ўзбекистон хушҳолам.

### Раъфат АССАБЪА— раиси шўъбаи матбуоти сафоратхонаи Ҷумҳурияти Мисри Араб дар Ўзбекистон



Ман паёми табрикии худро ба мардуми Ўзбекистон дар ҳоле арз медорам, ки маъмурияти ман дар арафаи Соли Нав дар Ўзбекистон ба поён мерасад. Мамнунам, ки аз тариқи ин минбар ба ҳамкасбони журналисти ўзбекистонии худ дар ин айёми таҳаввулоти соливазшавӣ муроҷиат менамоям ва самимона табрик мегўям.

Агарчи маъмурияти ман дар Ўзбекистон каме тўл кашид, он дар фазои осуда ва хотирҷамъӣ гузашт. Муҳимтар аз ҳама дар байни ходимони воситаҳои ахбори оммавии кишварҳоямон дар ин муддати кўтоҳ ба ман муяссар гардид, ки бо ҳам равобит барқарор намоянд ва аз наздик ошно гарданд. Бар замми ин ба Миср барои коромўзӣ 30 нафар аз кормандони радио ва телевизиони Ўзбекистонро бурдем, ки аз охирин корҳои мо буд. Онҳо бо кўмак ва ҳамоҳангии Сандуқи ҳамкории техникӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар назди Вазорати корҳои хориҷии Миср фаъолият дорад, ба ин бозомўзӣ муваффақ гардиданд. Дар натиҷа онҳо бо техника ва василаҳои асрии телерадио аз наздик ошно шуданд.

Шўъбаи матбуоти сафоратхона бошад, дар тўли ин солҳо бо ҳамкории рўзномаву ҳафтаномаҳо ва радиову телевизион борҳо озмуну мусобиқаҳо анҷом дод, ки аз онҳо хонандагони «Овози тоҷик» хуб хабар доранд ва ба баъзе аз онҳо дар ин озмунҳо ширкат намудан ҳам муяссар гардид, ки ба ин васила теъдоди зиёди хонандагон аз ҳаёт ва таъриху фарҳанги бостонии Мисри Қадим ва ҳаёти имрўзаи он иттилоъ пайдо намуданд.

Ният дорам, ки бори дигар пас аз фосилае ба дидани Ўзбекистон муваффақ ва ба дастовардҳои он гувоҳ гардам.

### Маҳдиризо МУАЛЛИМӢ — раиси намояндагии ҳавопаймоии миллии Эрон «Ҳумо» дар Ўзбекистон



Оғози Соли Нави милодиро ба мардуми шарифи Ўзбекистон ва ҳаводорони мўҳтарами рўзномаи «Овози тоҷик» табрик арз менамоям. Умедворам дар Соли Нав шоҳиди сулҳ ва самимият ва тавсеаи гуфтугўи дўстона ва дўстӣ дар байни ҳамаи милали ҷаҳон бошем. Орзу мекунам дар сояи тадобири хушмандонаи роҳбарони ду халқи Ўзбекистон ва Эрон шоҳиди шукуфоӣ ва тавсеаи равобити ҳамзистӣ ва равнақи иқтисодӣ бошем. Ва ин ду халқ, ки собиқаи муштарак ва дерина дар фарҳанг ва таърих доранд, бародарона дар канори ҳам ба муносибатҳои худ таҳким бахшид. Ва мўҷиби эҳёи тамаддуни бостонӣ ва фарҳанги худ шуда ва онро ба тамоми милал бишиносонанд.

Ўзбекистон аз муҳимтарин кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон низ аз муҳимтарин мамлакатҳои Ховари Миёна мебошад, ки ҳарду кишвар дар масъалаҳои минтақаи худ таъсиргузоранд ва ҳамкориҳои ин ду кишвар ва табодули назарҳои роҳбарони онҳо ҷаноби Хотамӣ ва ҷаноби Каримов дар мавриди масъалаҳои муштарак ва мавриди таваҷҷўҳи минтақа ва наздикии ваҷҳҳои муштараки роҳбурдии ду кишвар заминаҳои хубе барои басти иртиботҳо фароҳам овардааст.

Ман Соли Навро бори дигар ба хонандагони мўҳтарами «Овози тоҷик» табрик арз намуда ва барояшон дар Соли Нав саломатӣ, саодат, хушбахтӣ ва амният орзу мекунам.

## Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

**Дар бораи Сафири Фавқулъода ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Украина таъин кардани Р.О.Олимов**

**Олимов Равшанбек Озодбекович** Сафири Фавқулъода ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Украина таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
24 декабри соли 2002.

## Телефони мобилӣ дар Янгиробод

Дар арафаи Соли нав шўъбаи навоигии корхонаи муштараки ўзбекистониву амрикоии «Коском» дар маркази ноҳияи Хатирчӣ—шаҳри Янгиробод хизмати телефони мобилиро ба роҳ монд. Акнун сокинони маркази ноҳия имконияти дар вақти дилхоҳ бо тармоми гўшаву канори ҷаҳон алоқа барқарор карданро соҳиб гардиданд. Аллакай теъдоди истифодабарандагони телефони мобилӣ аз сад гузаштааст.

Агар алоқачиён аввали соли 2002 танҳо ба сокинони шаҳри Навоӣ хизмат расонда бошанд, дар давоми сол ба меҳнаткашони шаҳрҳои Зарафшон, Учқудуқ, Зафаробод, шаҳраки Қаротоғ имконияти баҳрабардорӣ аз телефони мобилӣ фароҳам оварда шуд.

Дар бадали соли 2002 «Коском» бо умури хизмати мобилӣ тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳои вилояти Навоиро фаро гирифта тавонист.

**(Хабарнигори худамон).**



## Дар ғами ҳосили соли оянда

Имрўзҳо дар тамоми хоҷагиву ноҳияҳои вилояти Фарғона кулли тадбирҳоро оид ба гузоштани таҳкурсии мустаҳкам ба ҳосили соли оянда меандешанд. Аз он ҷумла, ба таъмири техникаи кишоварзӣ диққату эътибори калон нигаронда шудааст. Чунки маҳз такя ба қувваи техника омили комёбиҳо буданашро онҳо дар амалия борҳо санҷидаанд.

Дар Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди Саройи мошину тракторҳои ноҳияи Охунбобоев ҳам техникаи кишоварзӣ муташаккилона аз тармим мебарояд. Сифат ба мадди аввал гузошта шудааст. Ҳамагон хуб дарк кардаанд, ки хушсифат ба иҷро расондани корҳо маънои суръатфизоӣ бахшидан ба корҳои баҳориву парвариши ҳосилро дорад.

Имрўзҳо дар шабакаҳои истеҳсолии сарои мазкур трактор ва комбайнҳои 15 хонагии ширкатӣ аз тармим мебароянд.

**Дар сурат:** пайвандгари ҷамъияти мазкур **Қобил Орифҷонов** дар сари кор.

**Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).**

**Бингарем бар субҳи Соли нав ба уммеди наве, Мерасад гўё навиди «Соли нав фархунда бод!»**

# Тўҳфаҳои солинавӣ

**Соли 2002—Соли эъзози куҳансолон ба анҷом расида, Соли нави 2003—Соли маҳаллаи обод сар мехалонад. Мардуми Ўзбекистон одати хуби ниёкони хеш—ба ҳар як иду тантана ҳозир кардани тўҳфаи муносибро идома дода Соли навро истиқбол мегиранд. Коргар дар коргоҳ, деҳқон дар саҳро, зиёӣ бо маҳсули қаламу афкори худ тўёнаҳо ҳозир намудаанд. Дар поён аз баъзеи ин тўҳфаҳо нақл карда мешавад, ки мухбирони «Овози тоҷик» ва оҷонсиҳои иттилоотӣ ба идораи рўзнома ирсол кардаанд.**

### Дари беморхона боз шуд

Дар арафаи Соли нав дар ноҳияи Конимех, дар назди Беморхонаи марказии ноҳия беморхонаи бачагонаи дорои 50 кат ба истифода супурда шуд. Онро бинокорони раёсати маъданҳои рақами 5-уми комбинати маъдангудозии Навоӣ сохтанд. Ба сохтмони ин маскани тандурустӣ 32 миллион сўм харҷ гардидааст.

### Бинои нави мактаб

Дар маҳаллаи «Нонисангил»-и хоҷагии ширкатии «Рават»-и ноҳияи Ҷиззахи вилояти Ҷиззах бинои нави мактаб барои 240 нафар талаба ба истифода супурда шуда, дар бобати сари вақт қад кашидани он коркунони фирмаи маҳаллии бинокории «Мерос» саҳми арзанда гузоштанд. Чунин бинои замонавии мактаб дар деҳаи ҳамсояи Уоб ҳам ба истифода супурда мешавад.

Бинокорони фирмаи «Мерос» дар рўзҳои қайдкунии Соли нав маҷмўи дигари таълимиро барои 210 нафар талаба ба истифода супурданианд.

### «Хонаи тантанаҳо»

Дар мавзеи истиқоматии «Гўзал»-и шаҳри Намангон тадбиргарони маҳаллӣ «Хонаи тантанаҳо»-ро ба истифода супурданд. Ва дар ин бобат саҳми тадбиргар Адҳам Юсуфов хеле калон аст. Кормандони фирмаи серсоҳаи ў «Шербулоқ» аҳд намуданд, ки мавзеи мазкури истиқоматиро аз ин ҳам обод мегардонанд. Азбаски маблағ кифоят накард, аз шўъбаи вилоятии Бонки саноат ва сохтмон вом ба андозаи 70 миллион сўм гирифта шуд. Дар фурсати кўтоҳ бинои Хонаи тантанаҳои дорои тарабхонае, ки дар як навбат ба 400 нафар хизмат расонда метавонад, мағозаи хўрокворӣ ва сехи дўзандагӣ сохта, беш аз сад нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуданд.

Тадбиргар дар оянда дар ин ҷо кушодани шабакаи истеҳсолии азнавкоркарди гўшту ширро кушоданист. Дар он сурат боз 150 нафар бо кор таъмин карда мешаванд.

# Чор тонна маҳсулоти қаннодӣ

Комбинати истеҳсолии қаннодии Қуваи вилояти Фарғона ба истеҳсоли маҳсулоти ба худ хоси таъини дастархони солинавӣ шурўъ намуд. Дар ин ҷо алҳол беш аз даҳ номгўй маҳсулоти қаннодӣ аз финдик, кунҷут, чормағз, меваҳои хушк ва ғайра тайёр карда мешавад. Маҳсулоти мазкур аз нигоҳи экологӣ соф, ширину болаззату арзон буда, дар қуттиҳое қадоқ гардидаанд, ки ба истеъмолгарон бешак маъқул меафтад.

Махсусан имрўзҳо кор дар сехи махсусонидашудае пурҷўшу хурўш давом дорад, ки маҳсулотро мувофиқи фармоиш омода месозад. Дар ин ҷо ҳафт номгўй печене, зиёда аз даҳ номгўй маҳсулоти қаннодӣ, 20 ҳазор тўҳфаи солинавӣ, чор тонна торти идона тайёр мегардад.

—Ба дастархони солинавии меҳнаткашон 2 ҳазор тонна маҳсулоти қаннодии 25 номгўй расонда хоҳад шуд,—мегўяд сармуҳандиси комбинат Муродҷон Раҳмонов.— Ба мақсади ба содирот баровардани 40 фоизи маҳсулотамон дар шаҳри Ўши Ҷумҳурияти Қирғизистон Хонаи тиҷоратии худ «Хумо»-ро кушодем. Дар ярмаркаи ҷумҳурии маҳсулоти озуқаворӣ, ки дар Тошканд ба амал омад, бо шарикон шартномаҳоро дар хусуси дар соли 2003 ба истеъмолгарон расонда додани 3 миллиард сўмина маҳсулот ба имзо расондем.

**(ЎзА).**

